*Ба Шўрои диссертатсионии 6D.КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (735700, ш.Хуҷанд, мкр-н 17, бинои 1)*

**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризоқулов Туроқул Рабимқулович ба диссертатсияи Тухсанбоева Хуршеда Маҳмудовна дар мавзуи "Такмили шарикии давлатию хусусӣ дар иқтисодиёти минтақавӣ) дар мисоли вилояти Суғд Ҷумҳурии Тоҷикистон )" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмиҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

Тухсанбоева Хуршеда Маҳмудовна соли 2010 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси иқтисодиёт ва идоракунӣ дар корхонаҳо бо тахассуси иқтисодчӣ хатм намудааст. Фаъолияти илмӣ-педагогии худро аз соли 2015 то ҳол ба ҳайси ассистенти кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолият бурда истодааст.

Дар рафти таълифи диссертатсия Тухсанбоева Хуршеда Маҳмудовна дар конфренсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ фаъолона иштирок намуда, ҳамзамон дар семинари илмӣ-назариявии донишгоҳ ва кафедра бо маърӯзаҳои илмӣ баромад намудааст. Аз ҷониби унвонҷӯ имтиҳонҳои минимуми номзадӣ бомуваффақият супорида шуда, аз рӯи самти мавзуъ 9 мақолаи илмӣ омода ва нашр гардидааст, ки аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

Рисолаи диссертатсионии Тухсанбоева Хуршеда Маҳмудовна ба таҳқиқи масъалаҳои баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ, таъмин намудани самаранокии истифодаи захираҳо, ҳалли бекорӣ, иҷрои корҳо оид ба ободонии шаҳру ноҳияҳо аҳамияти калон дорад. Дар ҳалли чунин масъалаҳо ташаккули муносибатҳои ҳамкорӣ байни мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, аҳолӣ ва бахши соҳибкорӣ метавон

роҳи беҳтарин дошта бошад. Аз ин гуфтаҳо бар меояд, ки мавзуи рисолаи номзадии Тухсанбоева Хуршеда Маҳмудовна муҳим ва саривақтӣ мебошад.

Зеро давлат бо ширкати худ метавонад барои фаъолияти бомуваффақият шароити мусоид фароҳам орад ва бо ин роҳ барои рушди иқтисодиёти минтақа такони иловагӣ медиҳад.

Ҳангоми иҷроиши рисолаи диссертатсионӣ Тухсанбова Х.М. бо ҳаҷми зиёди адабиёти илмӣ кор намуда, маводҳои зарурии омориро оид ба масъалаи омӯхташаванда ҷамъ ва коркард намудааст. Дар диссертатсия назарияҳои муосир ташаккул ва рушди шарикии давлатию хусусӣ дар минтақаҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ҳамзамон дар кори диссертатсионӣ ҷиҳати муайян намуднаи ҳолати муосири рақобатпазирии иқтисодиёти вилояти Суғд таҳлили амиқ гузаронида шудааст.

Тухсанбова Х.М. дар асоси тадқиқотҳои худ самтҳои такомули механизми идоракунии ҳамкории бахши давлатӣ ва бахши хусусиро, ки барои рушди минтақаҳо мусоидат менамояд, асоснок намуда, муқарраротҳои илмӣ-амалӣ коркард ва пешниҳод кардааст.

Мазмун ва мундариҷаи тадқиқоти рисолаи номзадӣ ва арзиши илмии он ба Шиносномаи номгӯйи тахассусҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат менамояд.

Дар раванди навиштани рисолаи илмӣ Тухсанбова Хуршеда Маҳмудовна худро ҳамчун тадқиқотчии моҳир нишон дод, ки аз дорои донишҳои васеи назариявӣ ва амалӣ будани ӯ шаҳодат медиҳад. Дар ҷараёни иҷроиши кори тадқиқотӣ нисбати худ серталаб буда, масъулияти баландро зоҳир намуд.

Хулосаҳои илмии алоҳидаи диссертатсия дар низоми тайёрӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои таҳсилоти олии касбӣ дар самти чунин ихтисосҳо, аз қабили иқтисодиёти минтақа, менеҷмент, идоракунии давлатию минтақавӣ ва ғайра баҳри истифода равона карда шудаанд.

Гуфтаҳои дар боло зикршударо ба назар гирифта, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки дар кори диссертатсионӣ ҳамаи мақсадҳо ва вазифаҳои гузошташуда иҷро шудаанд. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои овардашуда ба назари мо ҷолиби диққат мебошанд, бинобар ин талаботҳое, ки аз ҷониби КОА дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати чунин корҳо гузошта шуда ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он Тухсанбоева Хуршеда Маҳмудовна барои ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионӣ, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ,
д.и.и., профессор Ризоқулов Т.Р.

Суроға:735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вилояти Суғд, ш.Хуҷанд, мкр-н 17, бинои 1,
Тел:+7992(38422)2-38-11,7992(38422)2-35-94

Имзои д.и.и., профессор Ризоқулов Т.Р.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДҲБСТ Мирпоччоев И.Ҳ.

“24” 03 2022